**Такриз**

**ба автореферати диссертатсияи Комилов Меҳроҷ Шарифович дар мавзӯи “Фаъолияти китобхонаҳои Тоҷикистои дар даврони истиқлол (солҳои 1991-2016)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ**

Таҳқиқоти диссертатсионии Комилов М.Ш. ба яке аз масъалаҳои мубрами таърихи ватанӣ – фаъолияти китобхонаҳои Тоҷикистон дар даврони истиқлол бахшида шудааст.

Дар шароити муосир дар ҷараёни рушду ташаккули муносибатҳои нави иҷтимоию иқтисодӣ дар хаёти ҷомеаи кишвар арзишҳои таърихию фарҳангӣ, ки бидуни омӯзиши фаъолияти китобхонаҳои кишвар комил нахоҳад буд, хеле муҳиманд.

Диссертатсияи Комилов М.Ш. дар ҳаҷми 204 саҳифаи матни компютерӣ таълиф гардида, аз мукаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса, феҳристи манбаъҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашуда, ки аз 196 номгӯй иборат аст ва замимаҳо иборат аст.

Муҳаккик дар боби якуми диссертатсия «Омилҳои ташаккул ва таҳаввули китобхонаҳои Тоҷикистонро дар даврони истиқлол» (солҳои 1991-2016) ва дар боби дуюм «Пайдоиш ва ташаккули китобхонаҳои электрониро дар Тоҷикистони муосир», ба назари мо, пурра ва ҳаматарафа баррасӣ карда, барои пажӯҳишгарони оянда масъалаҳои зиёде ва муҳимеро роҷеъ ба фаъолияти китобхонашиносии кишвар пешниҳод кардааст. Маҳз бад-ин сабаб рисолаи Комилов М.Ш.-ро яке аз пажӯҳишҳои пионерӣ ва бунёдӣ андар ҳамин самт номидан мумкин аст.

Аҳамияти амалии корро муҳаққиқ барои дуруст ба сомон расонидани корҳои илмӣ-таҳкикотӣ ҷиҳати баррасии таърихи китобхонаҳои мамлакат дар даврони истиқлол мусоидат муайян кардааст, ки мазмун, хулосаву тавсияҳои таҳқиқотро ҳангоми навиштани рисолаҳои ҷамъбастӣ оид ба таърихи кори китобхонаҳои Тоҷикистон, таҳияву тайёр намудани барномаву

дарсномаҳои таълимӣ барои мактабҳои миёнаи касбӣ ва олии китобдорӣ ва хондани курсҳои лексионӣ ва курсҳои махсус аз фанҳои «Китобхонашиносӣ», «Таърихи китобхонаҳои Тоҷикистон», «Афкори китобхонашиносии тоҷик» ва ғайра истифода кардан судманд хоҳад буд.

Қобили тазаккур аст, ки теъдоди нашрияҳои муҳаққиқ дар бораи мавзӯи таҳқиқшаванда назаррас аст, ки теъдоди он 1 феҳрист, 1 рисола ва 27 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия ба шумор меравад.

Мазмуну муҳтавои рисола бо фишурдаҳои он, ки ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ таълиф гардидаанд, мувофиқати комил дошта, мундариҷаи корро якҷоя бо мақолаҳои таълифнамудаи унвонҷӯй пурра инъикос мекунанд.

Автореферати  рисола бо забони содаю фаҳмои илмӣ таълиф гардида, вазифаю ҳадафи мавзӯъро пурра тавсиф мекунад.

Дар натиҷаи омӯзиши автореферати рисолаи диссертатсионии Комилов М.Ш. ба хулоса омадан мумкин аст, ки натиҷаи таҳқиқоти илмӣ-тахассусие мебошад, ки яке аз масъалаи мубрами таърихи ватанӣ дар асоси фаъолияти китобхонаҳои кишвар ифода ёфтааст. Дар натиҷаи хулосаҳои бобҳои баррасишаванда ва хулосаи умумии муҳаққиқ, бояд гуфт, ки таҳқиқоти мазкур бо тахассуси 07.00.02 – таърихи ватанӣ комилан мувофиқат мекунад.

**Доктори илмҳои таърих, профессор,**
**мудири кафедраи таърихии умумии**
**Донишгҳи давлатии Бохтар ба номи**
**Носири Хусрав**

**Алимов Давлаталӣ Халилович**

Имзои д.и.т. Алимов Д.Х.-ро
Тасдиқ мекунам
Сардори ШК ДДБ
ба номи Носири Хусрав — Шукурзод Ҷ.А.

ШУЪБАИ КАДРҲО